# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2025- 42 саҳ.).**

Яке аз тамоюлҳои номатлуби криминологии солҳои охир афзоиши устувори ҷиноятҳо ба муқобили моликият мебошад, ки дар миёни онҳо ҳолатҳои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ва дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф мавқеи муайян доранд. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт на танҳо ҳуқуқи моликиятро поймол мекунад, балки ба тартиботи қонунӣ ва амнияти ҷамъиятӣ низ таҳдид мерасонад. Воситаҳои нақлиёт манбаи хавфи зиёд мебошанд ва истифодаи онҳо аз ҷониби шахсони тасодуфӣ метавонад боиси ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ, ҷароҳати ҷиддии одамон, ҳатто фоҷеаҳои инсонӣ гардад.

Аз ин рӯй, қонунгузор дар м.252 КҶ ҶТ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ҷавобгарӣ муқаррар намудааст.

Масалаҳои татбиқи меъёрҳои мазкури КҶ ҶТ асосии автореферати диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид-ро ташкил медиҳад. Автореферат дар шакли матн дар ҳаҷми 42 саҳифа пешниҳод шудааст. Бояд қайд намуд, ки автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари таҳқиқот дарҷ гардида, инчунин феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Дар шароити тағйирёбии иҷтимоиву иқтисодӣ ва рушди босуръати муносибатҳои бозорӣ нақши нақлиёт дар ҳаёти ҷомеа пайваста меафзояд. Нақлиёт имрӯз яке аз омилҳои асосии таъмини ҳаракати озодонаи аҳолӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва робитаҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ мебошад.

Бозорҳои рушдёбандаи молу хизматрасонӣ, бахусус соҳибкории хурду миёна, доираи истифодаи нақлиёти боркаш ва мусофиркашро тавсеа додаанд. Ин ҳолат аз мутобиқати баланди соҳаи нақлиёт ба шароити иқтисоди бозорӣ ва талаботи ҷомеаи муосир шаҳодат медиҳад. Суръати афзоиши шумораи воситаҳои нақлиёти шахсӣ ва тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки дар бораи раванди автомобиликунонии оммавӣ ҳамчун падидаи устувор ва бозгаштнопазир сухан ронем.

Дар чунин шароит воситаҳои нақлиёт ба объекти муҳими муносибатҳои моликиятӣ ва иқтисодӣ табдил ёфтаанд. Бо зиёд шудани шумораи онҳо, хавфи содир гардидани ҷиноятҳо, ки бо истифодаи ғайриқонунии воситаҳои нақлиёт вобастаанд, низ меафзояд. Аз ин рӯ, зарурати танзими ҳуқуқии муносибатҳои марбут ба ҳифзи моликият, амнияти ҳаракати нақлиёт ва истифодаи қонунии воситаҳои нақлиёт аҳаммияти махсус пайдо кардааст.

Маҳз дар ҳамин замина муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф бо ворид намудани моддаи 252 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бузурги иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дорад. Ин меъёр ҳифзи ҳуқуқи моликият, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҳаракати нақлиётро ба таври мутавозин таъмин менамояд.

Бо вуҷуди мавҷуд будани танзими махсуси қонунгузорӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт, дар назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол як қатор масъалаҳои муҳими баҳснок пурра ҳал нагардидаанд.

Пеш аз ҳама, масъалаи муайян намудани предмети ҷиноят (воситаи нақлиёт) ва меъёри дақиқи фарқгузорӣ байни ҳай карда бурдан ва дигар намудҳои ҷиноятҳои молумулкӣ, масалан дуздӣ  то ҳол баҳснок боқӣ мондааст. Инчунин, масъалаи муайян намудани андозаи зарари расонидашуда ба ҷабрдида дар натиҷаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт мушкилоти назаррасро ба вуҷуд меорад. Қонунгузории

амалкунанда тартиби дақиқи муайян намудани чунин зарарро пурра танзим накардааст.

Ҳамаи ин омилҳо шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқи илмии масъалаҳои назариявӣ ва амалии татбиқи ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт, таҳлили таҷрибаи судӣ ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ, ҳанӯз ҳам дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалии назаррас мебошад.

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ба таври амиқу ҳамаҷониба таҳия шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Ин таҳқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас ва дақиқ метавонад ҳамчун манбаи боэътимод ва муфид барои такмил ва ғанӣ гардонидани меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо ин ҷиноят истифода шавад.

Дар натиҷаи баррасии мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур метавон гуфт, ки таҳқиқоти мазкур дар самти масъалаҳои ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт саҳми назаррас дорад. Муаллиф дар равиши таҳқиқоти худ масъалаҳои пешгузошташударо бо усули илмӣ ва таҳлили ҳамаҷониба баррасӣ намуда, натиҷаҳои мушаххас ва боэътимодро ба даст овардааст.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла,

1. Муаллиф баён медорад, ки “ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз лаҳзаи аз ҷои воқеъ буданаш ҳай кардан ё ин ки аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдани он (аз ҷумла бе ба кор даровардани муҳаррики он) новобаста аз имконияти ба даст овардани ихтиёрдории воқеӣ ба он хотимаёфта ҳисоб мешавад” (саҳ.32). Аз ин хулосаи муаллиф мушаххас кардан мушкил аст, ки ин ҷиноят аз кадом лаҳза хотимаёфта ҳисоб мешавад, 1) аз лаҳзаи ба ҳаракат даровардани воситаи нақлиёт ё 2) аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдани он? Мехостем муаллиф андешаи худро ҳангоми ҳимояи рисола ба таври равшантар баён ва асоснок менамуд.

Новобаста аз эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва илмӣ-тахассусӣ анҷом дода шудааст, ки дар он ҳалли масъалаи мубрами имрузаи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Дотсенти
кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии
ДОТ дар н. Рашт Муқимов С. Д.

Имзои н.и.ҳ дотсенти кафедраи ҳуқуқ
ва идораи давлатӣ Муқимов С. Д.- ро
тасдиқ мекунам Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДОТ дар ноҳияи Рашт Шодизода Н.М.

19.11.2025.